**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ).**

Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ибора яке аз муҳимтарин қисмати забоншиносӣ ба шумор рафта, қонун ва қоидаҳои асосии калимаро дар ҷумла ва инчунин алоқаи байни онҳоро бевосита инъикос менамояд. Пажӯҳиши ибора таърихи дуру дароз дошта, ҳанӯз аз замонҳои қадим диққати олимонро ба худ ҷалб карда буд. Аз ҳамин ҷост, ки то имрӯз ба масъалаи ибора аҳаммият зоҳир карда мешавад ва то кунун забоншиносони дохиливу хориҷӣ ба омӯзиши он рағбат доранд.

Дар рафти мутолеаи автореферат муайян гардид, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, бахшҳои марбути он аз рӯйи талабот роҳандозӣ гардида масоилу мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсияро баррасӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия "Вижагиҳои ибораҳои номӣ ва мавқеи он дар насри мусаҷҷаъ" унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ибора яке аз муҳимтарин қисмати забоншиносӣ ба шумор рафта, қонун ва қоидаҳои асосии ибораро дар ҷумла, инчунин, алоқаи байни онҳоро бевосита мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Фасли аввал "Дараҷаи омӯзиши ибораҳои номӣ" номгузорӣ шудааст. Дар бораи таърихи омӯзиши ибора маълумотҳои муфассалеро гирдоварӣ намудааст.

Муҳаққиқ дар фасли дуюми боби аввал, ки "Дараҷаи омӯзишу таҳқиқи насри мусаҷҷаъ дар забоншиносӣ" унвон дорад, оид ба омӯзиш ва таҳқиқи насри мусаҷҷаъ аз оғоз то замони имрӯзаро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар фасли сеюми боби якум, ки "Мавқеъ ва нақши ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ" ном дорад, мавқеъ ва нақши ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ баррасӣ гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои корбурди ибораҳои номӣ дар "Расоили форсӣ"-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ» унвон дошта, масъалаҳои корбурд ва мавқеи истифода гардидани ибораҳо дар матнҳои рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Фасли аввали боби дувум – “Иборaҳои содаву мураккаб дар рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ” номгузорӣ гардидааст, ки дар бораи ибораҳои сода ва мураккаб таҳқиқ шудаанд. Дар ин зерфасл муҳаққиқ доир ба нақши ибора, хусусан ибораҳои номии синтаксисӣ, дар насри мусаҷҷаи Абдуллоҳи Ансорӣ ҳам дар шакли сода ва ҳам мураккаб таҳлилҳои судманд анҷом додааст, ки далелҳои он дар мисоҳо баръало дида мешавад.

Фасли дуюми боби дуюм «Вижагиҳои ифода ва услуби ибора дар “Расоили форсӣ”» ном дошта, дар он хусусиятҳои фарқкунандаи ибораро дар матни рисолаҳои мусаҷҷаи Абдуллоҳи Ансорӣ таҳқиқ шудааст. Инчунин хусусиятҳои махсуси осори мазкурро бо далелҳо рӯйи варақ оварда бо мисолҳо ва таҳлилҳои дақиқ онҳоро шарҳ додааст. Маълум мегардад, ки дисертант ба мавзуи мавриди таҳқиқ пурра ворид гардида онро аз ҳама ҷиҳат омухтааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм, ки «Таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»» унвон дорад, муҳаққиқ таҳаввулоти сохторию маъноии ибораҳои номиро дар асоси маводи «Расоили форсӣ» бо шаклу қолабҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ӯ нақши ибораро дар тавлиди сохтори маъноии ибора ва ҳамчунин қолабҳои иборасозиро дар насри мусаҷҷаи рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ муайян намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таснифи сохтории ибораҳои номии “Расоили форсӣ” аз рӯйи алоқа» ном дошта, се фаслро дар бар мегирад. Ҳамаи фаслҳо боз дар навбати худ ба зерфаслҳо ҷудо гардидаанд. Дар ҳама фаслҳову зерфаслҳо муҳаққиқ тавонистааст ибораҳоро бо ҳиссаҳои номии нутқ бо гурӯҳбандии мукаммал таҳлил намояд.

Тоҷидинзода Парвина дар ҷараёни пажӯҳиш андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст. Нуктаи муҳим ин ки ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқон истифода бурдааст.

Дар автореферати мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки ба назар гирифтани он боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид:

1. Дар боби аввал баъзе масъалаҳои назариявӣ ба таври фарох баён шудааст, ки ибрози баъзе нуктаҳо такрори андешаҳои баёншуда аст.
2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 5, 17, 18) ба назар расид, ки islоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Эродҳои мазкур ҷузъи буда ба арзиши илмии кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

н.и.ф., ректори Муассисаи
давлатии таълимии «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо
Турсунзода» Назарзода Маҳмуд Мирзо
«02» майи соли 2025.

Нишонӣ: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Бофанда 5, хонаи 59.
Тел.: (+992) 918-65-76-95
E-mail: nazarov.mn@mail.ru

Имзои Назарзода Маҳмуд Мирзоро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Ҳамидова З.Ҳ.

Нишонӣ : 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73.
Телефон: (+992-37) 231-45-45.
http://www.ddst.tj
«02» майи соли 2025.